# ЗУҲУРОТИ НОМАТЛУБИ ЗАМОНИ МУОСИР

**Бо гузашти вақт, вобаста ба тағйироту пешравиҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии кишвар, пайдо намудани таҷриба оид ба мубориза бо коррупсия, бо назардошти таҷрибаи пешқадами дигар давлатҳо дар ин самт эътироф ва тасдиқи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба мубориза бо коррупсия дар ҷумҳурӣ ба миён омад. Аз ин рӯ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бо коррупсия» як қадами муҳимест вобаста ба рушди қоунунгузории зиддикоррупсионӣ дар мамлакат.**

Муҳимияти қабули ин санад боз дар он аст, ки он ба баҳсу мунозира дар бораи мафҳуми “коррупсия”, ки дар қабули ин қонун ба тарзҳои гуногун фаҳмида мешуд, хотима гузошт. Дар ин қонун мафҳуми “коррупсия” хеле пурра ва мукаммал баён карда шудааст, ки он ба талаботҳои Конвенсияи СММ бар зидди коррупсия мувофиқ мебошад.

Шароит ва заминаҳои иқтисодии пайдоиш ва ривоҷи коррупсия дар ин ё он кишвар гуногунанд, вале ба таври куллӣ омилҳои зерин ба ривоҷ ёфтани ин падидаи манфӣ мусоидат менамоянд:

- дахолати аз ҳад зиёд ва баъзан беасос ба фаъолиятҳои иқтисодӣ;
- сиёсати ғайрисамараноки андозситонӣ ва гумрукӣ;
- паст будани сатҳи ҳаёти хизматчиёни давлатӣ нисбат ба кормандони бахши хусусӣ ва арзиши ҳадди ақали рӯзгузаронӣ;
- мавҷудияти имконоти нобаробар миёни субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ;
- сатҳи камбизоатӣ ва ғайра.

Баҳри бартараф намудани мушкилоти ҷойдошта ва муборизаи густурда бо коррупсия дар ҷумҳурӣ як силсила чораҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ амалӣ шуданд. Бешубҳа, мубориза алайҳи коррупсия як муборизаи тулонӣ ва маҷмуи буда, самаранок гузаронидани он ба амалӣ сохтани як қатор чорабиниҳо вобаста аст.

Бояд таъкид кард, ки мақсади ниҳоӣ аз мубориза алайҳи коррупсия устувор намудани арзишҳои демократӣ дар ҷомеа, эҳтироми ҳуқуқи инсонҳо ва пешгирӣ кардани паёмадҳои номатлуби он аст, на ин ки поймол сохтани принсипҳои демократия, нодида гирифтани ҳуқуқи инсонҳо ва ташкили режими истибдодӣ. Аз ин нуқтаи назар, бартарӣ доштани чораҳои пешгирикунанда ва аз

байнбарандаи заминаҳо ва шароити зуҳури коррупсия бояд дар сиёсатҳои зиддикоррупсионӣ мавқеи муҳимро ишғол намоянд.

Раванди тақвият бахшидан ба фаъолият дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди коррупсия ба мақсади паст намудани сатҳи он дар кишвар идома дорад ва ин ба рушду нумуи мамлакат, баланд бардоштани обрую эътибори давлати соҳибистиқлоли тоҷикон дар арсаи байналмилалӣ мусоидат хоҳад кард.

**Шаҳло Ҳасанова, дотсент, мудири кафедраи забоншиносии Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода**